**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Фарҳангнигорӣ яке аз аз суннатҳои қадима ва раванди хеле муҳимми илми забоншиносӣ маҳсуб гардида, он бевосита дар инкишофу маҳфуз мондани забонҳо, муносибати забону муоширати халқияту миллатҳо ва шарҳи маънои вожагони он забон нақши мусбат дорад.

Унвонҷӯ Буриева Шаҳноза Бекмуратовна хусусиятҳои этнолингвистии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»-ро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Унвонҷӯ бо баррасии Фарҳангномаи мазкур вожаву истилоҳоти ҳунарҳои мардумиро мавриди пажуҳиш ва муқоиса қарор дода, дақиқан муайян мекунад, ки аксари вожагони марбут ба ин соҳа то имрӯз низ корбурд шуда, қисмате аз онҳо аз истеъмол дур шуда ва ё дар ягон лаҳҷаи забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд, ки ҳатто, як зумраи ин вожаҳо имрӯз метавонанд муодили вожагони нави ҳунармандӣ ва ё ягон абзори он шуда тавонанд.

Муаллиф дуруст ва бамаврид зикр мекунад, ки баъзе аз вожаҳои матрук ва ё камистеъмоли марбут ба ҳунарҳои мардумӣ танҳо дар фарҳангномаҳои қадимӣ боқӣ мондаанду имрӯз қисме аз онҳоро мумкин аст дар радифи истилоҳи ин соҳа аз нав эҳё намуд ва мавриди истифода қарор дод. Зеро, маҳз, ҳамин гуна вожаҳо бозтоби фарҳанги ниёгонамон буда, дар худ рӯзгори гузаштагонро чи дар пешин ва чи дар давраи муосири забони тоҷикӣ инъикос карда метавонанд.

Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар рисолаи илмии худ тавассути баррасии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» вожагони марбут ба соҳаи ҳунармандиро, ки дар фарҳангнома мавқеи намоёнро ишғол мекунанд, дар бахши соҳаҳои бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ин корро бомуваффақият анҷом додааст. Мавҷудияти калимаҳои марбут ба ин соҳаро муаллифи рисола бо доштани қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожагон, унсурҳои иқтибосӣ, воҳидҳои сермаънову якмаъно, муродифу муодилҳо ва калимаҳои зидмаъно, таъбирҳову таркибҳои рехта, қолибҳо ва воситаҳои калимасозиву калимабандӣ ва амсоли инҳо мантиқан ва дуруст ҷудо карда тавонистааст.

Интихоб ва мубрамии мавзуъ барои таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ дуруст ва саривақтӣ буда, дар риштаи илми забоншиносӣ дорои аҳаммияти илмӣ мебошад.

Маълум мешавад, ки таҳқиқи вожагони ҳунарҳои мардумӣ дар асоси маводи фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ” аз ҷиҳати этнолингвистӣ дар

забоншиносии тоҷик бори аввал буда, муҳаққиқон ба ин мавзуъ камтар таваҷҷуҳ намудаанд.

Рисола аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 6 фасл, 19 зерфасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда, феҳристи интишороти илмии диссертант оид ба мавзуъ, таркиб ёфта, шомили 208 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия унвонҷӯ оид ба таърихи пайдоиши этнолингвистика ҳамчун як соҳаи илми забоншиносӣ маълумот дода, доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо, ки ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ, новобаста ба хусусияти таълифашон, “оинаи тасвири забони миллӣ” маҳсуб меёбанд, маълумоти муфассал медиҳад.

Ҳамчунин, унвонҷӯ дар ин боби диссертатсия доир ба фарҳангномаҳои классикии тоҷику форс иттилоъ дода, баён медорад, ки онҳо дар таърихи забоншиносии тоҷик нақши муҳим мебозанд.

Боби дуюми диссертатсияро муаллиф аз се фасл, чор зерфасл ва қисмату гурӯҳбандиҳои ҷудогонаи онҳо мураттаб намудааст. Муаллифи рисола дар ин боб таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба соҳаи бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагиро ба зерфаслу қисматҳои ҷудогона гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро ҳамчун ифодакунандаи номи касби бофандагӣ, масолеҳи бофандагӣ, абзори бофандагӣ, моводи омодашавандаи бофандагӣ, навъҳои онҳо, макони истеҳсол ва ё рангрезӣ ба онҳо таҳлилу баррасӣ ва мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Боби охири рисола бо фарогирии вожаву мафҳумоти умумии марбут ба соҳаи пазандагӣ, аз ҷумла, хӯрокпазӣ, нонпазӣ, ҳалвопазӣ ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор мегирад. Муаллифи рисола дар ин боб дар заминаи зерфаслҳо вожаву истилоҳоти ин соҳаро бо масолеҳи омодашавандаашон ва навъҳои онҳо, инчунин, абзори барои онҳо истифодашаванда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад.

Дар қисмати хулосаи рисолаи илмӣ Буриева Ш.Б., мушаххасан натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 16 банд ба таври фишурда ҷамъбаст намуда, тавсияҳои судманд пешниҳод карда, натиҷагирӣ намудааст, ки корбурди фаровони вожагони соҳаи ҳунармандӣ аз фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ” дар рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ дар ин соҳа низ мусбат арзёбӣ гардида, нақши бориз дорад.

Маврид ба зикр аст, ки муаллифи рисола дар кори илмии худ ба ҳамаи ҳадафу мақсадҳои дар пешгузоштааш муваффақ шудааст ва дар баробари дастовардҳо чанд норасоие ба назар мерасанд, ки таҷдиди назар кардану ислоҳи онҳо барои беҳтар гардидани вазъи таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар матни русӣ транскрипсияи этнографизмҳои забони тоҷикиро зикр мекард, то ин ки талаффузи калимаҳо барои муҳаққиқон фаҳмотар мешуд.
2. Матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.

Камбудиҳои зикргардида қимати рисоларо коста нагардонида, ислоҳшаванда ҳастанд.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф Буриева Ш.Б. муҳтавои пажуҳиши муҳаққиқро комилан пурра инъикос намудаанд. Маводи илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ пурра ҷавоб дода метавонад.

Хулоса, бо шиносоӣ ба рисолаи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» метавон иброз намуд, ки муаллифи рисола бо чунин таҳлилу андешаронихои илмӣ, муқоиса ва натиҷагириҳо кори илмиашро пурра ба анҷом расонидааст ва он ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муҳаққиқи ҷавон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01. – Забони тоҷикӣ) тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон **Абдуллоева Гулрухсор**
ба номи Сотим Улуғзода **Зиёдуллоевна**

« 17» __январи__ соли 2025

Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
E-mail: a_gulrukhsor71@mail.ru
Тел.: (+992) 917 11 6426
Факс: +992 372325003;

Имзои **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро**
тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода **Халифаев Фазлиддин Нусратуллоевич**

« 17» __январи__ соли 2025